**«ТАСДИҚ МЕКУНАД»**

**Директори Институти фалсафа,**

**сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи**

**ба номи А. Баҳоваддинов АМИТ**

**н.и. ф дотсент Назар М. А.**

**«09» июни 2021**

**Тақризи**

**муассисаи тарқриздиҳанда ба диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадович дар мавзӯи «Фалсафаи забон» (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.**

Диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламдович дар мавзӯи «Фалсафаи забон» (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, ба таҳқиқи яке аз масаъалаҳои муҳиму мубрам бахшида шуда, дорои аҳамияти назариявӣ, методологӣ ва навгонии илмӣ мебошад.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда** дар он зоҳир мегардад, ки забон дар ҷомеаи инсонӣ муҳимтарин воситаи алоқа, воситаи баёни фикр, мубодилаи он ба шумор меравад. Имрӯз, ки мо дар рӯёрӯи таҳдиди раванди глобализатсионӣ қарор дорем ва таҷовузҳои фарҳангиро ҳар лаҳза эҳсос менамоем, зарурати таҳқиқу таҳлил ва таҷдиди назар намудани масоили фалсафии забон, дар асоси сарчашмаҳои ватаниву

хориҷӣ муҳиму зарурӣ мебошад. Инро мо метавонем, ки дар мисоли забони тоҷикии хеш, ки мансуб ба оилаи забонҳои ориёист, мушоҳида намоем. Оид ба забон волотарин суханҳоро Президенти кишвар-Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдрас шудаанд: «Танҳо забон аст, дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад»

Диссертант мубрамияти мавзӯи таҳқиқоташро чунин масаълагузорӣ намуда, бар он назар аст, ки омӯзиши фалсафаи забон аз нигоҳи эпистемологӣ, дар мисоли забони тоҷикӣ аҳамияти махсуси илмӣ дорад. Истилоҳи "фалсафаи забон" дар матлабҳо ва муҳокимаҳои фалсафӣ, асосан дар ибтидои асри гузашта, ки усули таҳлили фалсафиро ҳамчун синтези таҳлили филологӣ, забоншиносӣ ва адабӣ пешниҳод кардааст, ба миён омад. Аммо мусаллам аст, ки масоили фалсафии забон тӯли асрҳо ташаккул ёфта, таҳаввулоти муайянро бо равишҳои мушаххаси фалсафӣ аз сар гузаронидааст, вале то ҳанӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст.

Назар ба қавли диссертант даҳсолаҳои охир дар фалсафа ва дар маҷмӯъ, илми муосир тамоюл ба сӯйи ҳамгирой (конвергенсия)-и илмҳо ба миён омадааст. Дар робита ба ин, забон ҳамчун як воситаи ғайрибиологии таҳқиқоти иҷтимоии меросгузорӣ ва моддипазирии иттилооти ормонӣ, ки дар тафаккури инсон мустақарр аст, баррасӣ мешавад. Чунин муносибат ба омӯзиши амиқтарро дар соҳаи истифодаи забон ва тафаккур тақозо мекунад, то ҷойгоҳи забон ҳамчун падида дар тасвири илмии ҷаҳони муосир дақиқ карда шавад.

Нуктаи дигаре, ки диссертант ба воситаи он муҳиммияти мавзӯи имрӯз масоили марбут ба забон аз доираи илми забоншиносӣ берун рафта, зарурати омӯзиши масоили фалсафӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва сиёсии он низ ба миён омадааст. Ба иллати он ки инсон донишҳои муҳимтаринро дар бораи олам ва ҳувияти худаш дар асоси тафаккури

мубоҳисавӣ касб менамояд, нақши забон ҳамчун воситаи асосии маърифат, қобилияти тафаккури забонӣ дар инъикоси воқеияти айнӣ ва зеҳнӣ яке аз масоили калидии ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ ва дар маҷмуъ, фалсафа ба шакли умум ҳисоб меёбад.

Далели дигари диссертант дар асоснок кардани мавзӯи омӯзиши диссертатсия аз он иборат аст, ки ба назари вай аз нигоҳи назариявӣ таҳқиқи падидаи нутқ, сухани инсон ва робитаи забону тафаккурро дар доираи мафҳумҳо ва консепсияҳои дигар ҳанӯз дар таълимоти мутафаккирони Юнони қадим, монанди Суқрот, Афлотун, Арасту ва баъдтар дар давраи патристикҳо дар афкори Диодор Тарсийский ва Аврелий Августин дарёфтан мумкин аст.

Барои ҳамин ҳам, диссертант аҳамият ва шарҳу эзоҳоти масоили забоншиносиро дар осори мутафаккирон ро чунин тавзеҳ медиҳад дар вобастагӣ бо масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, ахлоқӣ ва зебошиносӣ тавзеҳ медиҳад, ки хусусияти муназзами забоншиносӣ надошта, ин масоилҳо танҳо дар матнҳои бадеиий осори алоҳидаи мутафаккирони форсу тоҷик зикр мешаванд. Дар қисамати сатҳи омӯзиши мавзӯъ диссертант хеле муфассал таҳқиқоти анҷомдодаи олимону муҳақиқони ватанию хориҷиро дар алоҳидагӣ баррасӣ карда, аз бурду бохти онҳо ҳарф задааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертасия аз таҳлилу баррасии масоили таносуби фалсафаи забон ва забони фалсафа дар назарияҳои асосии мутафаккирон ва муҳаққиқони ин соҳа иборат мебошад. Муаллиф барои ноил гаштан ба чунин ҳадаф муаллиф ҳаллу фасли чунин масаъалаҳои зеринро ба миён мегузорад, ки чунинанд: **таҳлил** намудани таҳқиқи моҳияти забони миллӣ дар муайян намудани мазмунии миллии ҳаёти инсон ва баррасӣ намудани мақоми забони тоҷикӣ; **муайян** намудани доираи муқарраароти фалсафӣ, инчунин таҳлили анъанаҳои илмию адабӣ ва тадқиқи забони фалсафий; **ошкор**

намудани таҳаввулоти забони илмӣ ва фалсафии тоҷикӣ дар шароити муосир, ва мақоми ва нақши он дар рушди тафаккури инсон.

**Навгонии илмӣ** дар диссертатсия пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки масоили фалсафии забон аз диди мактабҳо ва намояндагони гуногуни фалсафӣ, мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хусусиятҳои назариявии таносуби забон ва тафаккур муайян карда шудааст:

Аз навгониҳои пешниҳоднамудаи таҳқиқот, ки муаллиф пешниҳод кардааст, (махсусан) нуктаҳои зерин ҷолиби диққатанд:

- таъсири ақоиди мутафаккирони гузаштаи Ғарб ва исломӣ дар пайдоиш, ва таҳаввули фалсафаи забон ва густариши забони фалсафӣ муайян гардидааст;

- таҳлили масъалаҳои фалсафии забон дар мисоли забони тоҷикӣ дар кишвар ин маротиба ба иҷро расидааст;

- бори нахуст омӯзиши анъанаҳои илмию адабӣ ва ҷусторҳои забони фалсафии тоҷикӣ дар доираи як рисолаи мукаммал ба иҷро расидааст.

- дурнамо ва таҳаввулоти забони илмӣ ва фалсафии тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва таъсири мутақобилаи онҳо асоснок карда шудааст;

Дар қисмати **нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд,** диссертант матлаби асосии таҳқиқоти худро дар 6 пункт пешкаш гардонидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқот метавонад барои омӯзиш ва баррасии минбаъдаи фалсафаи забони тоҷикӣ метавонад ҳамчун замина хизмат кунанд;

**Сохтори диссертатисия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 153 саҳифаро дар бар мегирад.

Боби якуми диссертатсия **«Фалсафаи забон, тафаккур ва ҳувияти инсон»** номгузорӣ шуда, дар он сатҳи омӯзиш масъалаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ нишон дода шудааст, ки аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум **«Масъалаи робитаи забон ва тафаккури инсон (таҳлили таърихӣ-фалсафии он)»** ном гирифта, нишон дода мешавад, ки забон яке аз хосиятҳо ва аломатҳои аслиест, ки бо он инсон аз дигар намудҳои мавҷудоти зинда маҳз бо он фарқ мекунад. Тафаккури инсон, рушд ва иртиботи он бо забон аз дар давраҳои гуногун таваҷҷуҳи файласуфон, олимон ва муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Ҳанӯз дар асрҳои V-IV то милод олимон-файласуфони Юнони қадим на танҳо табиат, балки дар радифи он тафаккури инсонро низ мавриди таҳқиқ қарор додаанд буданд. Ба навиштати диссертант масъалаи тафаккур ҳам чунин мавзуи баҳси фалсафа ва мантиқ низ мебошад. Аз ҷумла мантиқ пеш аз илмҳои дигар тафаккурро дастоварди мантиқ медонад ва барои ҳамин мутахассисони олимони ин соҳа мантиқро ҳамчун "мизони тафаккур" тавсиф додаанд.

Дар зербоби дуюми диссертатсия – **«Фалсафаи забон ва забони фалсафа»** - диссертант бар он назар аст, ки фалсафа ба дарёфти маъниҳо фаъолиятҳо ва рафторҳои инсон сарукор дошта, ҳадафҳои стратегии ӯро ташаккул медиҳад. Маҳз дар ҳамин соҳа қудрати амалии фалсафа таҳаққуқ меёбад. Инсон бошад, дар фаъолияти хеш на ба худи олам, балки бо ироа намудани ин олам тавассути тасвирҳо ва қолабҳои маърифатӣ, ки дар забон пешкаш ва сабт мешаванд, сару кор дорад. Диссертант чунин қазоват мекунад, ки танҳо файласуфҳо талош меварзанд, ки аз луғатҳои тафсирии забонҳо дар бораи олам маълумот

ҷамъ намуда, аҳамият ва воқеияти онро тавассути сухан дарк намоянд. Дар байни тамоми забонҳое, ки одамони гуногуни рӯи дунё бо он ҳарф мезананд, забонҳои табиӣ мақоми хосса доранд, зеро аломатҳои забонӣ ба таври устувор бо устурашиносӣ, дин, илм ва шаклҳои дигари маърифати олам иртибот доранд.

Зербоби сеюми боби якуми рисола «**Забони миллӣ дар сархати ҳувияти миллӣ**» номида шуда, муаллиф дар он зербоб қайд мекунад ки фалсафа ба дарёфти маъниҳои фаъолиятҳо ва рафторҳои инсон сарукор дошта, ҳадафҳои стратегии ӯро ташаккул медиҳад. Маҳз дар ҳамин соҳа қудрати амалии фалсафа таҳаққуқ меёбад. Инсон бошад, дар фаъолияти хеш на ба худи олам, балки бо ироа намудани ин олам тавассути тасвирҳо ва қолабҳои маърифатӣ, ки дар забон пешкаш ва сабт мешаванд, сару кор дорад.

Дар фаҳмиши фалсафаи забон се мақула ба шакли як воҳиди куллӣ муттаҳид мешаванд: "забон", "дониш" ва "фалсафа". Аз ин ҷо, барои дарки табиати фалсафаи забон зарур аст, ки моҳияти ин се мақуларо дар ягонагӣ ва томмияти онҳо ба назари эътибор гирифт. Мутахассисони соҳаи фалсафаи забон на ҳамеша ин масъаларо баррасӣ менамоянд ва ҳатто таҳлили мухтасар нишон медиҳад, ки ин се мақула бо сарфи назар аз мазмунҳои гуногунашон ба як воҳиди том табдил меёбанд. Дар натиҷа иборахое зерин ҳосил мешаванд: а) "забони дониш" ва "дониши забон"; б) "забони фалсафа" ва "фалсафаи забон"; в) "дониши фалсафӣ" ва "фалсафаи дониш". Ҳамин тавр, истифодаи ибораи "дониши забон" вуҷудияти таълимот дар бораи забонро дар назар дорад. Агар сухан дар бораи "забони дониш равад", таълимот дар бораи забони дониш фаҳмида мешавад (с. 65).

Боби дуюми рисола «**Масъалаҳои фалсафаи забони тоҷикӣ**» "номгузорӣ шуда, дар он забон ва ҳувият ҳамчун ду ҷузъи ҷудонопазир дар зерсохторҳои ҷомеаи инсонӣ, дар арсаи робитаҳои фардӣ ва иҷтимоӣ

ҳисобида мешавад. Забон дар эҷод ва ифодаи ҳувият ҳамеша нақши муҳиммедоштааст. Дар замони постмодернӣ ба иллати фурӯ рафтани бархе аз нишонаҳои ҳувият, монанди нажод, ин нақш ба ҳадди боз ҳам муҳимтар боло рафт.

Дар зербоби аввали боби дуюм – **Шинохти забони тоҷикӣ ва фалсафаи он"** қайд карда мешавад, ки забони форсӣ-тоҷикӣ яке аз забонҳои зиндаи қадимаи ҷаҳон ва яке аз забонҳои камтарине ба ҳисоб меравад, ки фалсафа, наср, адаб ва забони онро ҳам ҳомилони имрӯзаи он ва ҳам онҳое, ки онро ҳамчун забони дуюми модарӣ меомӯзанд, ба хубӣ ва озодона сарфҳам мераванд. Диссертант ҳамчунин муътақид аст, ки дар натиҷаи он ки лашкари мусулмонони Арабистон дар асри VII , ғасби кишварҳои ҳасмоя шуруъ намуданд, забонҳои маҳаллии баъзе халқҳои мустамликашуда, масаълан дар Ироқ, Сурия ва Миср ба тадриҷ ба нобудӣ рафта, ҷои онҳоро забонӣ арабӣ ишғол намуд (77)

Диссертант дар рисола бар он назар аст, ки забони тоҷикӣ ин низоми таърихан ташаккулёфтаи унсурҳои забонии аст, ки ҳамеша ва дар ҳолати ҳамбастагии қонунӣ қарор дорад.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **«Анъанаҳои таҳлили илмию адабӣ ва ҷусторҳои забони фалсафии тоҷикӣ»** номгузорӣ шудааст. Муаллиф дар (ин зербоб) масъалаи анъанаҳои таҳлили илмию адабӣ ва ҷусторҳои забони фалсафаи тоҷикӣро баррасӣ намудааст. Диссертант қайд менамояд, ки "Ихвон-ус-сафо" дар рисолаҳояшон масъала ва аҳамияти мантиқро ба таври муназзам мавриди омӯзиш қарор додаанд. Аломатҳои тафаккур ва шуури ориёии пайравони ин мактаб дар матнҳои рисолаҳо аз худ дарак медиҳанд: номҳо, истилоҳот ва порчаҳо аз шеъри форсӣ дар онҳо воридшудаанд. китоби муқаддаси Зардушт ва васиятномаи шоҳ Ардашер Яке аз ин сарчашмаҳо (барои рисолаҳо) буда, қиссаҳое монанди "Қиссаи шоҳон" масдари муштараки форсӣ ва ҳиндӣ доранд (с. 100 ).

Зербоби сеюми боби дуюми рисола **«Таҳаввулоти забони илмӣ ва фалсафии тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавии фарҳангҳо» номида шудааст.** Муаллиф дар ин зербоб маҷмӯи равандҳое, ки "ҷаҳонишавӣ" ном доранд, вазъияти нави иҷтимоиву забониро ҳадди аққал барои минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва технологӣ пешрафтаи сайёраамон ба вуҷуд меорад ва оқибатҳои забонии ин падида, ки асосан бо афзоиши якбораи иқтисодиёти фаромиллӣ ва инчунин рушди технологияҳои коммуникатсионӣ ба вуҷуд омадаанд, маълумот медиҳад. Диссертант муътақид аст, ки маҳз дар ҳамин марҳилаи фаъолияташ, забони тоҷикӣ таъсири равандҳои қавии бифуркасиониро аз сар мегузаронад, вақте ки дар шароити эҷоди бенизомии умумӣ, таҷдиди сохторӣ-семантикии низоми забон ва тамоми зерсохторҳои он («олами сағир»-и забон) сурат мегирад. Диссертант ҳамчунин дар ин зербоб чунин ишора менамояд, ки забони тоҷикӣ маҳз дар ҳамин марҳилаи фаъолияташ, таъсири равандҳои қавии бифуркасиониро аз сар мегузаронад, вақте ки дар шароити эҷоди бенизомии умумӣ, таҷдиди сохторӣ-семантикии низоми забон ва тамоми зерсохторҳои он («олами сағир»-и забон) сурат мегирад. Танҳо бобҳою зербобҳои рисола аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллифи он дар давраи ҷамъоварӣ ва таҳқиқи мавзӯи илмӣ таҷрибаи хуби корӣ касб намуда, бо услуби таҳқиқ, коркард ва таҳлили маводу сарчашмаҳо аз назари илмӣ таҷрибаи кофӣ андӯхтааст. Иқтибосҳои зиёд, муқоисаву таҳлили афкори мутафаккирони давру замонҳои гуногун гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ мавзӯи илмии худро аз мавқеи илмӣ ва таърихӣ омода намудааст. Инчунин муаллиф ҳангоми таҳияи диссертатсия аз методҳои илмӣ- фалсафии индуктивию дедуктивӣ, герменевтикию муқоисавӣ ва ғайра ба таври самаранок истифода намудааст.

Дар хотимаи рисола натиҷаву хулосаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда оварда шудаанд, ки қобили дастгирӣ мебошад. Мазмуну муҳтавои рисолаи мазкур бо автореферат комилан он ҳамоҳанг аст.

Дар маҷмӯъ ба рисолаи илмии Каримов Кароматулло Давламдович баҳои мусбат дода, ҳамин нуктаро ёдовар мешаем, ки он аз хатогиҳо ва нуксонҳои алоҳида холӣ намебошад, ва чанде аз онҳоро дар сатрҳои зерин ишора мекунем:

1 Диссертант дар зербоби якуми боби дуюм диссертатсия менависад: Маҳз барои ҳамин, мутафаккирону шоирони ғайриточик, монанди Форобӣ (гарчанде ки асарҳояшро ба забони арабӣ навишта бошад ҳам, аммо ба фазли таҳсили илм намуданаш дар Самарқанду Бухоро, Бағдод, Исфаҳон, Ҳамадон ва Рай истилоҳот ва калимаҳои зиёди форсӣ-тоҷикиро истифода бурдааст), Низомӣ, Навоӣ, Муҳаммад Икбол ва дигарон рӯ ба забони форсӣ-тоҷикӣ оварда буданд. (86)

Муаллифи диссертатсия аз мансубияти кавмӣ бузургонӣ мисли Форобӣ, Низомӣ Ганҷавӣ итиллои дуруст надорад. Ва онҳоро мутафаккирон ва шоирони ғайри тоҷик ном бурдааст. Низомӣ Ганҷавӣ дар осори назмиаш модарашро аз қавмӣ турк ва падарашро аз деҳқонзодагой порсбунёд ном бурдааст.

Он модари ман райсаи курд,

Модарсифатона пеши ман мурд. (Низомӣ Ганҷавӣ)

Роҷеъ ба асолати қавмӣ падараш чунин ороеро баён менамояд, ки мансубияти ирисии ӯ ба акрабой эронӣ мансуб медонад.

Деҳқонӣ аслӣ порсбунёд,

Аз ҳолӣ араб чунин хабар дод. (Низомӣ Ганҷавӣ)

2. Диссертант навиштааст, дар саҳифаи 27-и диссертатсияи худ масаъалаи ҷойгоҳи забонро дар майнаи сар баррасӣ намуда, аз номи олимони асабшинос оварда шудааст, дар ҳоле ки номи ҳеҷ як олиме оварда нашудааст ва як фикр фикри дигарро инкор мекунад. Масалан, "Агар дар бораи ҷойгоҳи забон дар майнаи сар асабшиносон маълумоти

зиёдро пешкаш карда бошанд, аммо дар бораи ин ки ҷойгоҳи тафаккур дар майнаи сар дар куҷост ва оё он ҷойгоҳи хоссе дар майнаи сар дорад ва ё ҳамон ҷойгоҳи тавлиди гуфтор ҷойгоҳи тафаккур ҳам ҳаст? Олимони муосири асабшинос ва равоншинос дарёфтаанд, ки агар майнаи сари шахсе ба садамае дучор омада бошад ва бар асари он сухан гуфта натавонад, ӯ тавони тафаккурро аз даст намедиҳад. Пас, дар ин сурат наметавон ҳукм кард, ки ҷойгоҳи шинохташуда тавоноии забонро бо ҷойгоҳи ношинохтаи тафаккур яке бошад. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки тафаккур на танҳо мавзуи баҳси олимони равоншиносии забон, балки мавзуи баҳси фалсафа ва мантиқ низ мебошад. Аз ҷумла мантиқ пеш аз илмҳои дигар тафаккурро дастоварди мантиқӣ медонад ва барои ҳамин олимони ин соҳа мантиқро ҳамчун "мизони тафаккур" тавсиф додаанд". Оё метавон ҳастии забонро бе тафаккур донист?

3. Номи зербоби 2-юми боби 2 ва 3 то андозае норавшан будани ҳадафи муаллифро дар номгузории онҳо ифода мекунад, яъне дар онҳо ба таври мушаххас мақсади муаллиф маълум нест, ки оё он таҳлили бадесит ё фалсафӣ. Чуноне ки мебинем номи он «Анъанаҳои таҳлили илмию адабӣ ва ҷусторҳои забони фалсафии тоҷикӣ».

4. Ҳар як зербобе, ки ба итмом мерасад, то андозае фикри муаллифро ба таври хулосавӣ ва алоқамандӣ бо мавзӯъи баъдӣ нишон намедиҳад, ҳамчунин фикри мустақилонаи муаллиф ба таври кам ба назар мерасад.

5. Хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ дар дохили матн ва варақҳо ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, хусусияти тавсиявӣ доранд. Онҳо арзиши илмии рисоларо кам намекунанд ва диссертатияи Каримов Кароматулло Давламдович дар мавзӯи **Фалсафаи забон: (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз)** кори илмӣ – таҳқиқотии ба анҷомрасида аст. Диссертатсия ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти –№505 оид

ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳо, тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳо, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

**Эксперт: н.и. ф Қурбоншоев И Ҷ**

**Раискунанда : номзади илмҳои фалсафа,**
**Мудири шуъбаи таърихи фалсафа**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ Шамсов. М.С.**
**ба номи А. Баҳоваддинов АМИТ**
**Нишонӣ: 734025, Ҷумҳури Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33**
**Тел:+9922215689**

**Имзои номзадони илмҳои фалсафа, Давлатмуродзода Б**
**Шамсов М.С ва Қурбоншоев И. Ҷ- ро**
**тасдиқ менамоям: нозири кадрҳо**